# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Муродова Парвина Бобоҷоновна дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии вожа – истилоҳоти ҳарбӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ**

Диссертатсияи номзадии Муродова Парвина Бобоҷоновна дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии вожа - истилоҳоти ҳарбӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» бахшида шудааст. Захираи асосии луғавии ҳамаи забонҳо, аз ҷумла забони тоҷикӣ ҳам, бо мурури асрҳо рушд ёфта, бо ғановати худ ба ганҷинаи воқеӣ мубаддал гардидааст. Дар луғат хираду қудрат ва шаҳомати халқи тоҷик инъикос ёфтааст. Вожагони хориҷие, ки ба забони тоҷикӣ дохил мешаванд, дар таркиби луғавии он ҳазм гардида, ба қонуниятҳои талаффуз ва сохти грамматикии забони тоҷикӣ тобеъ шуда, бо ҳамин тадриҷан аз тарафи тамоми қишрҳои ҷомеа аз худ карда мешаванд.

Нуктаҳо ва хулосаҳои диссертатсияро метавон дар фаслҳои дахлдори курсҳои таълимии забоншиносии умумӣ ва муқоисавию таърихӣ, лексикологияи ҳам забони тоҷикӣ ва ҳам забони англисӣ, дар услубшиносӣ, истилоҳшиносӣ, ҳангоми тартиб додани луғатҳои истилоҳотӣ, таълифи китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ оид ба истилоҳшиносӣ, забоншиносии умумӣ, инчунин дар раванди тартиб додани луғатҳо оид ба истилоҳоти ҳарбӣ истифода намуд.

Дар боби аввал таҳти унвони **«Заминаҳои назариявии омӯзиши муқоисавии вожа-истилоҳоти ҳарбӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»,** ки аз панҷ фасл иборат аст, ақида, андеша ва назарияҳои олимони ватанию хориҷӣ оид ба масъалаҳои назариявии вожаҳои байналмилалӣ, ки хеле муҳим арзёбӣ шудааст, баррасӣ гардидааст.

Боби дуюми рисола **«Шарҳу тафсири маъноии вожаю истилоҳоти ҳарбӣ дар луғатҳои тафсирии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ”** ном дошта, аз ҳашт фасл иборат аст.

Боби сеюми диссертатсия **“Шарҳу тавзеҳи этимологии вожа-истилоҳти ҳарбӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ”** ном дошта, аз дувоздаҳ зербоб иборат мебошад.

Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 10 мақола, ки аз онҳо 7 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи унвонҷӯ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар диссертатсияи Муродова Парвина Furfoшовна истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъйин шудааст. Аҳамияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи

номзадии Муродова Парвина Бобоҷоновна дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии вожа-истилоҳоти ҳарбӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи номзадии Муродова Парвина Бобоҷоновна дар мавзуи « Таҳлили муқоисавии вожа-истилоҳоти ҳарбӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ » барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Турсунов Фаёзҷон Мелибоевич** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода;

- **Ҷӯраев Хайём Акрамович** – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони англисӣ ҳамчун ихтисоси дуюми Донишгоҳи давлатии омӯзгории ба номи Садриддин Айнӣ;

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ** пешниҳод карда шавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Саидзода Ҳ.А.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои филологӣ, профессор, Ҷоматов С.
узви шурои диссертатсионӣ

доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Нағзибекова М.Б.

«03» 07. 2024с.